Инки бигӯям Субҳоналлоҳ, Алҳамду лиллоҳ, Ло илоҳа иллаллоҳ ва Аллоҳу акбар, барои ман маҳбубтар аз ҳар чизе аст, ки офтоб бар он тулӯъ мекунад

Аз Абуҳурайра (Худованд аз ӯ розӣ бод) ривоят аст, ки Паёмбар (Салому дуруди Аллоҳ бар ӯ бод) фармуданд: "Инки бигӯям Субҳоналлоҳ, Алҳамду лиллоҳ, Ло илоҳа иллаллоҳ ва Аллоҳу акбар, барои ман маҳбубтар аз ҳар чизе аст, ки офтоб бар он тулӯъ мекунад".

[Саҳеҳ] [رواه مسلم]

Паёмбар (Салому дуруди Аллоҳ бар ӯ бод) мефармоянд, ки зикри Аллоҳ Таъоло бо ин калимоти бузург аз дунё ва ҳар ҳарчи дар он аст беҳтар аст, ки иборатанд аз: "Субҳоналлоҳ": Пок донистани Аллоҳ аз ҳамагуна камбудӣ ва нуқсон. "Алҳамдулиллоҳ" Ҳамду ситоиши Аллоҳ бо сифатҳои комилаш ва муҳаббату бузургдошти Ӯ Таъоло. "Ло илоҳа иллаллоҳ": Нест маъбуди барҳақ магар Аллоҳ. "Аллоҳу акбар" бузургтару бартар аз ҳама чиз.

http://www.sunnah.global/hadeeth/tg/show/6211